«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав, доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессор
_______________ Қурбонзода М. Р.
«____» _______________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи номзадии Шакармамадов Ориф Нисормамадович таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» бахшида шудааст. Муҳтавои он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Дар адабиёти гуфторӣ ё худ фолклор маҷмуи ормону андеша, хираду ҳикмат, бовару эътиқод ва дигар нишонаҳои осори моддиву маънавии гузашта ва имрӯзаи ҷомеаи инсонӣ нигаҳдорӣ мешаванд. Дар ҳар пораи матни осори гуфторӣ, ки аз давраҳои дури зиндагии башар то ин замон ҳифз шудаанд, тапиши набзи ҳаёти иҷтимоӣ эҳсос мешавад. Бинобар ин, ҳар навъи пажуҳише, ки дар заминаи шинохти мавзуъҳои адабӣ сурат мегирад, барои худшиносии инфиродиву иҷтимоӣ ва камоли ахлоқии ҷомеа мусоидат мекунад. Таҳқиқи ин масоил дар фолклоршиносии тоҷик асосан аз солҳои аввали садаи 20 оғоз ёфта, ҷамъоварию пажуҳиши ин осори маънавии халқ аз солҳои 60-уми асри сипаригашта ба таври доманадор вусъат меёбад ва ин анъана то имрӯз ҳам идома дорад.

Дар тули ин солҳо гирдоварию омӯзиши жанрҳову намунаҳои зиёди адабиёти гуфторӣ нишон медиҳад, ки пажуҳишу интишори бархе аз

жанрҳои адабӣ нисбатан мукаммалу навъи дигар бошад то ҳанӯз ба пуррагӣ таҳлилу таҳқиқ нагардидаанд.

Дар ин асно, бояд зикр намуд, ки то ба имрӯз дар таълифоту мақолаҳои фолклоршиносону адабиётшиносони тоҷик нисбати жанри ривоят ақидаҳо ба таври иҷмолӣ баён шудаанд, ҳол он ки ривоят яке аз намунаҳои қадимтарин ва маъмултарини осори бадеии халқи тоҷик ҳисоб меёбад ва ин унсури бунёдии адабӣ дар сохтори адабиёти миллӣ, ба хусус дар адабиёти гуфторӣ, мавқеи устуворе пайдо намудааст. Зеро ривоятҳои халқи тоҷик дар баробари вижагиҳои хос доштанашон инчунин ҷанбаҳои гуногуни фарҳангиву маънавии мардумро инъикос мекунанд, ки моҳияту арзишҳои миллӣ дошта, омӯзишу тадқиқоти ҳаматарафаро талаб мекунад. Аз ин хотир, метавон гуфт, ки рисолаи илмии Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» дар самти муаррифии хусусиятҳои жанри ривоят дар адабиёти гуфторӣ як падидаи илмии наву пурмуҳтаво маҳсуб меёбад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти онҳо.** Мубрамиву зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, вазифаи асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, навгониҳои таҳқиқ, моҳияти назарию амалии он, сохтори умумии кор, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари хоси ӯро нисбат ба мавзуи пажуҳиш инъикос мекунад. Саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши назария ва консепсияҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу баррасии онҳо, омода намудани мақолаву суханрониҳо зоҳир мешавад. Муаллиф ба таҳқиқи масъалаи илмӣ аз методҳои адабиётшиносӣ истифода карда, равия ва ҷараёнҳои нави пажуҳиши адабиётро ба эътибор гирифтааст. Диссертатсияи пешниҳодшуда аввалин таҳқиқ аст, ки фарогири қариб ҳамаи корҳои то ба имрӯз нисбат ба ривоятҳо анҷомёфта мебошад ва ин тарафи таҳқиқ актуалӣ будани мавзуи онро дучанд меафзоияд.

Таҳқиқоти диссертатсионии номбурда дар асоси методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлили сохтори жанрӣ, таҳлили сабку услуб, таҳқиқи типологии анвои фолклорӣ навишта шудааст. Тибқи ақидаи муаллифи диссертатсия, ривоятҳо ҳамчун осори гаронбаҳои ганҷинаи эҷодиёти халқ адабиёти гуфториро ғанӣ гардонда, дар маҷмуъ онҳо баёнгари расму оин, афкори маънавию фалсафии мардум ва инъикосгари таърих ва фарҳанги халқ ҳисобида мешаванд. Аз ин ҷиҳат, бо масъулият

метавон иддао кард, ки диссертатсияи аз ҷониби Шакармамадов Ориф Нисормамадович анҷомёфта бо дарназардошти мураттаб баён шудани мавзуъ ва тарҳи мантиқан муназзам доштани бобу фаслҳо ва нуктаҳои муҳимми ҳимояшаванда қобили пазириш аст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Шакармамадов Ориф дар мавзуи "Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)" аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи гӯяндаҳо, рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки доир ба хусусиятҳои жанрии ривоят то ҳол рисолаи илмии алоҳида, ки дар он масъалаҳои гирдоварӣ, интишор ва баррасии онҳо таҳқиқ шуда бошад, таълиф нашудааст. Аз ин ҷиҳат, ин диссертатсия як навъ кори маҷмуии дарбаргирандаи тадқиқотҳои фолклоршиносону адабиётшиносон буда, муаллиф дар он ба баррасии хусусияти жанрӣ, мазмуну мундариҷа ва бадеияти ривоятҳои мардумӣ ба таври муқоисавӣ пардохтааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**, пеш аз ҳама, дар он аст, ки муайян гардидани вижагиҳои жанрии ривоят ва дар асоси он аз ҳамдигар ҷудо намудани жанрҳои дигари насрӣ, ки мавриди назар қарор гирифтаанд, метавонад дар корҳои таҳқиқотии минбаъдаи соҳаҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мусоидат намояд ва барои таҳқиқи жанрҳои дигари фолклорӣ низ муфид хоҳад буд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ барои тайёр намудани мавод ва дастурҳои омӯзиши масъалаҳои амалӣ ва назариявии марбут ба илми адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ ва мардумшиносӣ метавонанд истифода шаванд.

**Дар муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо ва объекти таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии он дар сатҳи лозимӣ тавзеҳ шудаанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда мушаххас баён шудаанд. Диссертатсия дорои тартиби муайяни илмӣ буда, низоми таҳқиқи мавзуъ барои зина ба зина ҳал гардидани проблемаҳои мавриди назари диссертант мусоидат намудаанд. Бобу қисмҳои диссертатсия паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, аз нигоҳи илмӣ ва мантиқӣ бо ҳамдигар мувофиқ ҳастанд.

Боби аввали рисола – **"Ривоят ҳамчун жанри фолклорӣ ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ"** аз зербобҳои **"Вижагиҳои жанрии**

**ривоят", "Тафовути ривоят аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ"** ва **"Сохтор ва мавзуи жанри ривоят"** иборат мебошад.

Дар зербоби аввали ҳамин боб роҷеъ ба истилоҳи илмии жанри ривоят таҳлилу таҳқиқи муфассал сурат гирифта, баъдан андешаҳои бархе аз адабиётшиносону фолклоршиносон, аз қабили Ҳ. Раҳматов, Ҷ. Рабиев, Х. Шарифов, Д. Обидов, Р. Раҳмонӣ ва дигарон, ки дар хусуси жанри ривоят фикру мулоҳизаҳои худро баён намудаанд, бо овардани намунаву иқтибосҳо нишон дода шудаанд. Идомаи ин мавзуъ дар зербоби дуюм, ки дар он оид ба ҳудуди муайян гузоштан байни нақлу ривоятҳо ва дигар анвои насрӣ сухан меравад, аз тарафи унвонҷӯ таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар ин асно унвонҷӯ фикру ақидаҳои муҳаққиқони дигарро низ ба инобат гирифта, дар асоси онҳо натиҷаҳои илмии худро мебарорад.

Боби дуюми рисола, ки **"Баррасии ривоятҳои мардуми Бадахшон"** унвон дорад, аз зербобҳои **"Таҳқиқи ривоятҳо оид ба ашё ва ҳодисаҳои табиат", "Таҳқиқи ривоятҳо дар бораи дарахти арча ва чанор", "Таҳқиқи ривоятҳо роҷеъ ба кӯлҳои Бадахшон"** ва **"Таҳқиқи ривоятҳо доир ба сангҳо"** иборат мебошад.

Дар ин боб муҳаққиқ дар бораи ашё ва ҳодисаҳои табиат, ки дар ривоятҳо акс ёфтаанд, фикру мулоҳизаҳои дақиқу асоснок овардааст. О. Шакармамадов ин намуди ривоятҳоро ҳам аз нигоҳи мазмуну ғоя ва ҳам аз лиҳози ҷанбаҳои мардумию фолклории он ба таҳқиқ гирифтааст. Дар зербоби аввал диссертант таъкид менамояд, ки "аз даврони қадим одамон бақои умр ва пойдориву устувории зиндагии худро ба ашёҳои гуногуни табиат ва ҳодисаҳои он вобаста мепиндоштанд. Онҳо чун унсури муҳимми табиат ба рӯзгори инсонҳо аз рӯзи азал ҳамбастагии ногусастанӣ дошта, дар ҳаёти ҳамарӯзаашон аҳаммияти фавқулода бузургро касб кардаанд ва нисбат ба онҳо ихлоси эътиқоди қавӣ зоҳир намудаанд" (диссертатсия, саҳ. 61). Дар ин қисмати боб ҷанбаҳои фарҳанги мардумӣ дар ривоятҳо низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Вобаста ба ин диссертант доир ба иҷрои расму оинҳои мардумӣ, ки бо ашёҳои табиат ҳамбастагӣ дошта, дар ривоятҳои мардумӣ нақши муҳим доранд, сухан рондааст. Масъалаи мазкур дар диссертатсияи О. Шакармамадов бори аввал ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Ба ҳамин усул зербоби дуюм, ки роҷеъ ба мавқеи дарахти арча ва чанор дар ҳаёту рӯзгори одамон бахшида шудааст, мавриди таҳқиқи унвонҷӯ қарор мегирад. Муаллифи рисола иброз медорад, ки "ашёҳои табиат ҳамчун рамз дар ривоятҳо мавқеи муҳимро касб кардаанд. Ба воситаи ин образҳо орзуҳои самимӣ, эътиқоду ихлос, маърифати дарки

муҳити зисту зиндагонии одамон дар ривоят инъикос шудааст” (диссертатсия, саҳ. 71). Зимни таҳқиқу баррасии ин зербоб унвонҷӯ як қатор рубоиҳои халқиро низ мавриди таҳлил қарор додааст, ки мазмунан мавзуи мазкурро бозгӯй мекунанд ва ба моҳияти пажуҳиш фасоҳати илмӣ мебахшанд.

Дар зербобҳои дуюм ва сеюм ба ҳамин минвол ривоятҳо доир ба кӯлҳои Бадахшон, аз қабили Сарез, Шева, Дурум, Суман ва ривоятҳо доир ба сангҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Боби сеюми рисола – **“Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар ривоятҳои мардуми Бадахшон”** аз зербобҳои **“Заминаи ривоят – воқеият”**, **“Ривоятҳо доир ба шахсияти Шоҳ Бурҳони Валӣ”** ва **“Доир ба шахсияти Ҳаким Носири Хусрав дар ривоятҳои мардумӣ”** иборат буда, дар он хусусиятҳои таърихӣ доштани ривоятҳо баррасӣ гардидаанд.

Дар зербоби аввали боби сеюм мавриди таҳқиқи муаллифи диссертатсия ривоятҳое қарор гирифтаанд, ки мазмуни онҳоро тасвири ҳодисаҳо ва шахсони таърихӣ фароҳам овардааст. Ба ақидаи диссертант, ин қабил ривоятҳо, аз як тараф, ҳодисаҳоро ба таври воқеӣ тасвир кунанд, аз тарафи дигар, ба таърихӣ мансубият доштани онҳо шубҳа ба миён меояд, зеро на ҳамаи санаду бурҳоне, ки дар ривоятҳо зикр гардидаанд, ҷавобгӯи дурусти асли воқеаву санаҳои таърихӣ ҳастанд. Бо вуҷуди ин, қисме аз ҳодисаҳое, ки дар ин ривоятҳо тасвир шудаанд, бебунёд нестанд, онҳо заминаи воқеӣ доранд. Ин ақоидро диссертант бо таҳлили илмии нусхаҳои матни ривоятҳо асоснок кардааст.

Масоили мавриди таҳқиқ қарорёфта дар зербобҳои дуюм ва сеюми ҳамин боб идома меёбад, ки муҳтавои асосии онҳо мантиқан ба ҳамдигар алоқаманд буда, ҷиҳати илмии диссертатсияро комилан таъмин месозад.

Дар маҷмуъ, аз таҳқиқи ин бахши диссертатсия низ бармеояд, ки диссертант аз уҳдаи максаду ҳадафҳои дарпешгузоштааш муваффақона баромадааст.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷагириҳои муаллиф аз масоили баррасишаванда дар 13 банд оварда шудаанд, ки онҳо ба таври умум таҳқиқоти кулли диссертатсияро бозгӯй мекунанд.

Рӯхати адабиёти илмӣ, сарчашмаҳо ва дигар манбаъҳо тибқи талаботи таълифи диссертатсия таҳия гардидаанд.

Бояд зикр кард, ки дар баробари муваффақияту комёбиҳои назарраси илмӣ дар кори таҳқиқотӣ баъзе норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Ноҷо истифода бурдани калимаҳои ёридиҳанда, аз қабили пешоянду пасояндҳо ва пайвандакҳо, сабаби норасоии услубӣ ва

мантиқии баъзе ҷумлаҳои диссертатсия гардидааст. Барои мисол, пешоянди “ба” дар ин ҷумла зиёдатист ва маъниву мазмуни ҷумларо халалдор кардааст: «Ба гирдоварию нашр намудани намунаҳои фолклори тоҷик асосан баъди солҳои 60-уми асри гузашта вусъат ёфт» (диссертатсия, саҳ. 5).

2. Гоҳи дигар сарфи назар кардани пешоянду пасояндҳо сабабгори вайронии услуби баъзе ҷумлаҳо гардидааст. Мисол, дар ҷумлаи зерин баъди ҷонишини шахсии «онҳо» пасоянди «ро» сарфи назар шудааст: «... бархи дигари онҳо ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XX А.А. Семёнов, М.С. Андреев ва Н.А. Кисляков аз Раштон ва Ванҷу Дарвоз дастрас ва қисман чоп намудаанд» (диссертатсия, саҳ. 5).

3. Таносуби бобу зербобҳо дар диссертатсия хуб риоя нагаштааст.

4. Дар бахшу қисматҳои алоҳидаи диссертатсия (барои мисол, дар саҳифаҳои 4 ва 27, 5 ва 17...) такрор гардидани фикрҳои гуфташуда мушоҳида мешавад.

5. Баъзе аз далелу асноде, ки дар зербоби аввали боби сеюм оварда шудаанд, барои исботи ин иддао, ки заминаи ривоят воқеият мебошад, эътимодбахш нестанд.

6. Ғалатҳои имлоиву китобат низ дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия мушоҳида мешаванд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, ислоҳи онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи илмии диссертатсия мегардад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 2 маҷмуа, 19 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Автореферати диссертатсия ва аннотатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудааст, моҳияти илмии тадқиқоти мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи “Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)” тадқиқоти комилан анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 14-уми марти соли 2025, суратҷаласаи №8 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**мудири кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** — **Аҳмадов Сафармад Гадомадович**

**Эксперт:**
**доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи**
**ихтисоси 6D 020500 - Филология** — **Фақиров Хурсандмурод Насруллоевич**

**Котиби илмии ҷаласа:**
**номзади илмҳои филологӣ** — **Муродов Алишер Аслонхонович**

**Имзоҳои С. Аҳмадов, Х. Фақиров ва А. Муродовро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** — **Исозода Тоҷиддин Исо**

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
**735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67.**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53. E-mail: ktsu78@mail.ru**

"17" марти соли 2025